| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011, №497” | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тагйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011, №497” |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Муаллифон, ихтироъкорон ва соҳибкороне, ки дар муносибатҳо вобаста ба гирифтани ҳуҷҷати муҳофизати, расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ иштирок менамоянд. |
| 4 | Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 10 сентябри соли 2022 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Қонуни мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли соли 2022 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 4 июл то 4 августи соли 2022 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он | Мушкилиҳо вобаста ба истифода бурдани истилоҳҳова нашр намудани маълумот дар бораи ҳуҷҷати муҳофизатии додашуда баъд аз ба қайд гирифтани намунаи саноати вуҷуд доштанд, ки ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қарори амалкунанда |

| | | |
|---|---|---|
| | дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | талаб мекунанд.<br>Ҳамзамон, тибқи лоиҳаи мазкур дар маҷмӯъ андозаи пардохтҳои ҳатмӣ тақрибан 12 фоиз коҳиш дода шудаанд, ки ин барои ҳавасмандгардонию дастгирии муаллифон, ихтироъкорон ва дорандагони ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ мусоидат намуда, истилоҳоти қарори амалкунанда ба қонунҳои соҳавӣ мутобиқ шуд ва камбудиҳои имлоӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ бартараф шудаанд.<br>Бидуни таҳияи чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ихтироъ”, “Дар бораи намунаҳои саноатӣ”, “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” пешбинӣ намудааст, ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ ва ба танзим даровардани масъалаҳои содда ва ягонагардонии талаботҳо барои гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ, расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ ғайриимкон мебошад. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи мазкур содда ва ягонагардонии талаботҳо барои гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ, расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ, инчунин, барои ҳавасмандгардонию дастгирии ихтироъкорон, соҳибкорон ва дорандагони ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ мебошад. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби | Вазорати рушди иқтисод ва савдо лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011, №497 «Дар тасдиқи Андозаҳои пардохтҳои корбарӣ, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд»-ро бо мақсади амалигардонии муқарраротҳои моддаҳои 23, 25, 34 ва 39-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», моддаи 20-и Қонуни Ҷумҳурии |

| | | |
|---|---|---|
| | роҳи ҳалли чунин мушкилот | Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» ва моддаҳои 11, 20 ва 37-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамгаҳои молӣ ва тамгаҳои хизматрасонӣ» дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия намудааст.<br>Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи мазкур содда ва ягонагардонии талаботҳо барои гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ, расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ, ҳавасмандгардонию дастгирии ихтироъкорон, соҳибкорон ва дорандагони ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ мебошад.<br>Аз ҷумла вобаста ба иҷрои муқаррароти моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», банди 35 қарори мазкур дар таҳрири нав ифода карда шуд,ки тибқи он Идораи патентӣ баъд аз ба қайд гирифтани намунаи саноатӣ дар Феҳристи давлатӣ маълумотро дар бораи ҳуҷҷати муҳофизатии додашуда (номи муаллиф(он) (дар ҳолати розӣ буданашон) ва доранда(гон)-и патент, номи, санад,санаи пешниҳод, тасвири намунаи саноатӣ ва дигар маълумоти дахлдор), бетаъхир дар хабарномаи расмӣ нашр мекунад.<br>Инчунин, ҷиҳати амалигардонии моддаи 11 Қонуни «Дар бораи тамгаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» ба банди 39 қарори мазкур сархати нав илова гардид,ки мутобиқи он Идораи патентӣ маълумотро вобаста ба аризаҳои пешниҳодшуда оид ба тамғаҳои молӣ аз экспертизаи расмӣ гузаштаанд, дар хабарномаи расмии «Навиди патентӣ» нашр менамояд.<br>Дар маҷмӯъ андозаҳои пешбинигардидаи пардохтҳои ҳатмӣ тағйир дода шуда, тақрибан 12 фоиз коҳиш дода шуданд ва истилоҳоти қарори амалкунанда ба қонунҳои соҳавӣ мутобиқ гардонида шуда, камбудиҳои имлоӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ бартараф карда шудаанд. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳа дар маҷмӯъ барои ба танзим даровардан ва мукаммал намудани муносибатҳои соҳаи мазкур равона гардидааст.<br>Аз ҷониби таҳиякунанда чунин чораҳо (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) андешида шудаанд: |

| | | |
|---|---|---|
| | | - фаҳмондадиҳӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар муносибатҳои зикргардида иштирок менамоянд;<br>- ташкили мизи мудаввар бо иштироки соҳибкорон ва ихтироъкорон. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи қарори мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>• сатҳи хизматрасониҳои вобаста гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ, расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамгаи молӣ беҳтар мегардад;<br>• барои баланд бардоштани эътимоди муаллифон, ихтироъкорон ва соҳибкорон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо такони ҷиддӣ мебахшад;<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>• дар натиҷаи ҳифзи ҳуқуқ ва хавасмангардонии соҳибкорон ва ихтироъкорон бахши иҷтисодӣ ва саноатии кишвар рушд меёбад;<br>• истеҳсол ва содироти технологияҳои муосир зиёд мегардад. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Ҳуқуқи муаллифон, ихтироъкорон ва соҳибкорон ҷиҳати гирифтани ҳуҷҷати муҳофизати, расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ ҳифз мегардад. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 октябри соли 2022 |

Директор Исмоилзода М.Ҳ.